*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA - 004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8, синф.102)*

**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Рустамов Раҳим Умаршоҳович ба диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи "Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ.**

**I. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи илмии Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович аз он бармеояд, ки ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат тақозои он аст, ки бо сифати баланд ва истифодаи босамари иқтидори инсонӣ, инчунин роҳҳои ҳалли масоили вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ дар низоми навини хоҷагидорӣ мутобиқ гардонида шавад. Дар низоми навини хоҷагидорӣ, фаъолияти самаранок идоракунӣ ва такрористеҳсоли захираҳои инсонӣ, метавонад симои бисёр равандҳои муосири иҷтимоию иқтисодиро ташаккул дода, боиси ноилгардӣ ба дигар ҳадафҳои дурнамои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар оварда расонад.

Бояд гуфт, ки иқтидори креативӣ дар тӯли таърихи башарият ҳамчун муҳимтарин нерӯи асосии иқтисодӣ вуҷуд дошт, бинобар ин, тамоми кашфиёту дастовардҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ, аз ҷумла дар иқтисодиёт бо шарофати эҷодкорӣ, ба даст оварда шудааст. Креативии қувваи корӣ ба малака ва қобилияти кормандон дар тавлиди идеяҳои нав, равишҳои инноватсионӣ ва ҳалли масъалаҳо бо усулҳои ғайримуқаррарӣ ишора мекунад. Ин на танҳо ба соҳаҳои эҷодӣ, балки ба ҳама гуна фаъолияти касбӣ, аз тиҷорат то муҳандисӣ ва идоракунӣ, дахл дорад. Дар ҷаҳони бозори меҳнати пуртағйири имрӯза, креативияти қувваи корӣ хислати стратегиро дар худ касб намудааст.

Бо вуҷуди аҳамияти бузурги иқтидори креативии қувваи корӣ, бисёр созмонҳо бо монеаҳои гуногун рӯ ба рӯ мешаванд. Идоракунии сатҳи иерархӣ, тарс аз хато кардан, набудании вакт барои фикрронӣ, интиқоди беасос ва ҷазо барои нокомиҳо аз ҷумлаи монеаҳои асосӣ мебошанд. Барои бартараф кардани чунин монеаҳо, роҳбарон бояд фарҳанги созмониро тағйир диҳанд ва ба кормандон озодии зарурииро барои эҷодкорӣ таъмин намоянд. Қайд намудан зарур аст, ки мубрамии мавзуи диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар раванди таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат аҳамияти назарраси илмӣ, амалиро доро мебошад.

Азбаски рушди минбаъдаи ҷомеаи саноатӣ ва инноватсионӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, суръати афзоиши маҳсулоти саноатӣ, аз ҷумла маҳсулоти илмӣ бо рушди минбаъдаи иқтидори креативии он, дараҷаи рушди тиҷорати креативӣ, менеҷменти креативӣ ва маркетинг таъмин карда мешавад, яъне то чӣ андоза иқтидори креативии қувваи корӣ истифода шуда, то чӣ андоза ҳиссаи баландро нисбат ба шумораи умумии захираҳои инсонӣ дар кишвар нишон медиҳанд, дарҷ мегардад. Бинобар ҳамин, барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар назди он яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа дар шароити ҳукмронии саноатикунонии босуръати кишвар бо мақсади рушди истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва марҳалаи ниҳоии он, ки таҳкурсии он устуворгардонии мақоми неруи зеҳнӣ мебошад (саҳ.4).

Бояд гуфт, ки иқтидори креативии қувваи корӣ ба яке аз паҳлуҳои муҳим ва рақобатпазирӣ дар сатҳи корхона, минтақа ва кишвар табдил ёфтааст. Рушди босуръатӣ иқтидори креативии қувваи корӣ ба иқтисодиёти инноватсионӣ ва хизматрасонӣ зарурияти нави кадрҳоро ба миён овардааст, ки кормандоне, ки қобилияти ҳалли мушкилоти мураккаб, инкишофи маҳсулоти нав ва эҷоди арзиши иловагӣ доранд.

Бо вуҷуди ҳамаи гуфтаҳои боло дар айни замон бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи сохтор, номувофиқати байни талаботи корфармоён ва сатҳи тахассуснокии кормандон рушди эҷодкорӣ ва маҳдуд будани имконятҳо дар бозорҳои минтақавӣ ва сатҳи байналмилали буда, рӯ ба рӯ мебошанд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи: “Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат” мубрам ва дорои аҳамияти илмию назариявӣ мебошад.

**II. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсия ба

бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050601 - Назарияи иқтисодӣ, мувофиқат мекунад: 1.1. Иқтисоди сиёсӣ: ҳамбастагии қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ, шаклҳои иқтисодӣ, методҳои хоҷагидорӣ ва сохторҳои ниҳодӣ; таъсири тарзҳои нави технологӣ ба равандҳои ташаккул ва фаъолияти сохторҳои иқтисодӣ ва ниҳодҳо; омилҳои инноватсионии дигаргуншавии иҷтимоию иқтисодӣ; қонуниятҳои таҳаввулоти низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ; назарияи иқтисодиёти "иттилоотӣ", "баъдисаноатӣ" ва "иқтисоди ба дониш асосёфта". 1.2. Назарияи микроиқтисод: назарияи шуғли пурмаҳсул. 1.3. Назарияи макроиқтисод: назарияи рушди иқтисодӣ; ҷанбаҳои иқтисодии пешрафти илмию техникӣ ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои равандҳои макроиқтисодӣ, сиёсати макроиқтисодӣ: самтҳои асосӣ ва вижагиҳои рафтори он. 1.4. Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ: инкишофи ниҳодҳои механизми хоҷагидорӣ дар ҷомеаи баъдисаноатӣ.

**III. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Муҳтавои асосии навгонии диссертатсия аз истифодаи усулҳои муосири таҳқиқи масъалаи рушди ҷанбаҳои назариявии иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат мебошад. Дар ҷараёни омодасозии таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳое ба даст оварда шудаанд, ки метавонанд минбаъда дар рушди устувории муносибатҳои меҳнатӣ ва таҳкими он дар бозори меҳнат саҳми назаррас гузоранд ва навгонии илмии корро муайян намудаанд:

- таърифи муаллифии мафҳуми "иқтидори креативии қувваи корӣ" пешниҳод шудааст, ки он ҳамчун маҷмӯи дониш, маҳорати баланди касбӣ буда, ҳангоми қабули қарорҳои муносиби иқтисодӣ, бо дарназардошти имкониятҳои сифатӣ, микдорию зеҳнӣ ва кулли қобилияти фоидаовари иҷтимоию иқтисодии аҳолии қобили меҳнат истифода шуда бо ёрии низоми муайяни шаклҳо ва муносибатҳои шуғл тавсиф карда мешавад, мушаххас гардидааст;

- дар натиҷаи кори диссертатсионӣ хусусият ва ҷанбаҳои муҳими ташаккулёбӣ ва роҳҳои асосии рушдёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар бозори меҳнат мушаххас гардиданд, ки аз нигоҳи муаллиф ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар шароити тағйирёбии низоми иқтисоди креативӣ, бо фарогирии ҳолати иҷтимоии захираҳои меҳнатӣ, муносибатҳои меҳнатӣ (байни корфармо ва корманд), сатҳи хизматрасонии иҷтимоӣ, хусусиятҳои танзими давлатии муҳоҷирати зеҳнӣ амалӣ мегардад;

- дар ҷараёни баҳодиҳии омилҳои таъсиргузор ба раванди ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ, яъне омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ, ҷуғрофиявию экологӣ, илмӣ-техникӣ ва зеҳнӣ (интеллектуалӣ), иҷтимоӣ-рӯҳӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва иттилоотӣ (коммуникатсионӣ)-ҳамгироӣ (интегратсионӣ), ниҳодӣ-истеҳсолӣ, ки тавассути онҳо индекси рушди инсонӣ, зариби захираи иқтидори креативии қувваи корӣ тариқи афзоиши табиии шумораи аҳолӣ, сатҳи маълумоти касбии вобаста ба тағйирёбии теъдоди аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол муайян карда мешавад, ба назар гирифта шудааст;

- ҳолати имрӯза ва тамоюли рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат, бо назардошти хусусиятҳои ҳамаҷонибаи аҳолии дар иқтисодиёт машғул, сатҳи талаботи миқдорӣ ва сифатӣ ба қувваи корӣ дар бозори меҳнат, сатҳи зудҳаракатии қувваи корӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои чандирӣ, истифодаи қувваи корӣ, маҳорати ташкилӣ, таъмини аҳолии қобили меҳнат бо ҷойҳои корӣ мушаххас карда шуданд, ки ин ба баланд бардоштани сатҳи шуғлнокӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ, инчунин дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар кишвар таъсир мерасонад;

- аз ҷониби муаллиф қайд гардидааст, ки таъсири иқтидори креативии қувваи корӣ дар марҳалаи муосир ба талабот дар бозори меҳнат, ки бо сарчашмаҳои асосии вусъатдиҳии фаъолияти илмию фарҳангии иқтидори креативӣ инноватсионии кадрҳои баландихтисос, инчунин, бо дастовардҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ вобаста буда, аз рӯи аломати сифатию миқдории аҳолии дар бахши хизматрасонӣ шуғлдошта, ки бо дарназардошти нишондиҳандаҳои бадастомада асоснок карда шудааст, пешниҳод гардиданд;

- дар натиҷаи таҳқиқот самтҳои асосӣ ва роҳҳои мукаммалгардонии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ, бо назардошти мутобиқгардии иҷтимоӣ тавассути сатҳи баланди дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифат, аз ҷумла тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф, танзими давлатии тайёркунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсилоти касбии бекорон ва азнавтайёркунии кадрҳо бо ташкили шароит барои ташаккули низоми иттилоотонии бозори меҳнат, бо дарназардошти эҳтиёҷоти корфармоён, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ (ҷалби донорҳои хориҷӣ) дар соҳаи иҷтимоӣ, мусоидат барои кӯтоҳмуддатии истифодабарии вақти корӣ (ҷадвали кории чандир), ташкил ва таъмини кормандон ба сафарҳои кории хориҷӣ (сайёҳатномаҳо), дастгирии корманд бо мақсади дастрасии қарзҳои имтиёзок (масалан, барои харидории амволи

ғайриманқул ва дигар лавозимоти зарурии бино) ва ғайра аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шуда, пешниҳод гардиданд.

Нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, инҳоянд:

1) дар натиҷаи таҳқиқи муносибати назариявӣ-консептуалӣ ба муайян ва тасниф намудани мафҳуми "иқтидори креативии қувваи корӣ", аз ҷониби муаллиф мафҳуми ИКҚК шарҳ дода шуда, хусусиятҳои рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар марҳилаи муосир вобаста ба принсипҳо, муносибатҳои меҳнатӣ ва идоракунии захираҳои инсонӣ, муайян карда шудааст;

2) дар асоси таҳлили омилҳои ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ, шохиси рушди инсонӣ, инчунин, зариби захираи иқтидори креативии қувваи корӣ вобаста ба таносуби динамикаи теъдоди аҳолии фаъол дар иқтисодиёт, баҳодиҳӣ ва асоснок карда шудааст;

3) сатҳи воқеъии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобаттавонии он дар бозори озоди меҳнат, арзёбӣ карда шуда, инчунин, нақши иқтидори креативии қувваи корӣ ба талабот дар бозори озоди меҳнат муайян карда шуда, роҳҳои рушди он пешниҳод карда шудааст;

4) дар асоси таҳлили назариявӣ ва амалии мавзуъ, роҳҳои асосии такомул ва рушдёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар шароити муосири рушди иқтисодиёт, таҳия ва баррасӣ карда шуда, пешниҳод гардидаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, замима, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 169 номгӯйро дар бар мегирад, иборат аст. Кор дар 184 саҳифаи матни компютерӣ баён гашта, 24 ҷадвал, 17 расмро фаро мегирад.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи диссертатсия ва сатҳи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи таҳқиқот муйян шудаанд, инчунин муқаррароти дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардидаанд ва маълумот оид ба тавсиби натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд. Инчунин, саҳми шахсии докторанти PhD дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян ва нишон дода шудааст (саҳ. 4-16).

**Дар боби якуми диссертатсия "Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ"** - асосҳои консептуалии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ дар шароити муосир, ҷанбаҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ, инчунин

хусусиятҳо ва масоили ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар иқтисодиёт мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст (саҳ. 17-63).

Ба андешаи муаллиф розӣ шуд, зеро ӯ қайд менамояд, ки дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ нақши илму техникаро, бахусус бе ҷорӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ, ки аз ҷониби созмони зеҳнии шахс дониста мешавад, тасаввур кардан ғайриимкон аст. Муаллиф дар ҷойи зарурӣ қайд менамояд, ки бахши хизматрасонию воқеӣ ҳамчун натиҷаи истифодаи самараноки фаъолияти иқтидори креативии қувваи корӣ буда он ба дастовардҳои илмӣ-техникӣ, маориф, фарҳанг, санъат, тандурустӣ ва фаъолияти инфиродӣ, ки ба ҳалли мушкилиҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инчунин, инноватсионии кишвар мусоидат мекунад. Зеро дар марҳалаи гузариш ба иқтисодиёти креативӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушд ва инкишофи рақобатпазирии иқтидори креативии қувваи корӣ дар бозори меҳнат, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳу сифати эҷодкории қувваи корӣ ва рушди сармояи инсонӣ мебошад, ба назари мо қобили қабул мебошад (саҳ.17-19).

Дар асоси омӯзиши маводҳои назариявӣ, муаллиф ба хулосае омадааст, ки иқтидори эҷодии неруи корӣ ин маҷмӯи сифатҳо, хосиятҳо, истеъдод, қобилият ва рақобатпазирии субъектони муносибатҳои иқтисодӣ, меъёри қобилияти маҷмӯавии меҳнатӣ буда, дар натиҷаи фаъолияти самаранок идоракунии захираҳои инсонӣ ташкил карда мешавад, ки дар шароити муосир барои ноил гаштан ба натиҷаҳои баланди иқтисодиву иҷтимоӣ манфиатовар буда, суръати баланди афзоиши иқтисоди инноватсиониро таъмин менамояд (саҳ.27).

Андешаи докторант (PhD) боиси нигаронист (саҳ.31), зеро иқтидори креативӣ нисбат ба инноватсия мафҳуми васеътар дошта, на ҳамеша дар ҳама ҳолат натиҷаи фаъолияти қобилияти креативии шахс дар амал татбиқ мегардад, натиҷаи нав (инноватсия)-ро мегирад, балки бештар арзишӣ (пулӣ) пайдо мекунад.

Воқеан, имрӯзҳо омилҳои инсонӣ муҳимтар шуда истодаанд ва аз ин рӯ, зарурати баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати қувваи корӣ, ки ба сатҳ, дараҷа ва сифати унсури асосии татбиқи қарорҳои креативона дар истеҳсоли молу хизмат истифода мешаванд, аз ҳама муҳим эътироф карда мешавад. Муаллифи диссертатсия иброз менамояд (саҳ.43), ки иқтидори инсонӣ дар рушд ва ташаккули низоми босамари ҷараёнҳои моддӣ ва маънавии кишвар, аз ҷумла рушди иқтисоди креативии ҷумҳурӣ ва муҳофизати афзалиятҳои стратегии минтақаҳои он, ки нақши пешбарандаро мебозанд, ифода мегардад.

Боби дуюми диссертатсия ба **“Таҳлил ва баҳодиҳии ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат”** - таҳлили омилҳои ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ, арзёбии сатҳи рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат, инчунин, таъсири иқтидори креативии қувваи корӣ ба талабот дар бозори меҳнат бахшида шудааст (саҳ.64-114).

Ба ақидаи муаллиф (саҳ.65), ташаккули иқтидори креативӣ дар ягон марҳалаи конкретӣ (аниқ) ба охир нарасида ин ҷараён пай дар пай давом мекунад, ки дар давраи фаъолияти қобилиятҳои шахсии қувваи корӣ вай на танҳо истеъмол мешавад, балки дар айни замон такрористеҳсол ва рушд меёбад, зеро дониши касбӣ ва зеҳнӣ такмил меёбад, таҷриба, малака ва ғайра ҳосил мешавад.

Воқеан ба раванди ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қуваи корӣ имрӯзҳо бисёр омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки ба сатҳи фаъолнокии маблағгузорӣ дар минтақаҳо, дараҷаи таҳсилот, соҳаи меҳнат, сиёсати иқтисодии қарзию пулӣ, сатҳ ва суръати афзоиши таваррум, инчунин, бо меъёр ва номгӯи андозӣ тавсиф карда мешаванд, таъсир мерасонанд. Натиҷаи таҳқиқоти аз ҷониби муаллиф иҷрогардида нишон медиҳад, ки соҳаҳои креативӣ маҷмӯи фаъолияти иқтисодии марбут ба эҷод, истифода, табдил, паҳн ва тиҷоратикунонии иттилоот ва дониш мебошанд, ки натиҷаҳои назарраси иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доранд (масалан, ҳавасмандгардонии рушди устувор ва фароҳам овардани имкониятҳои васеи шуғл) (саҳ.76-81).

Дар зербоби дуюми боби мазкур дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили пурраи ҳолати тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ барои солҳои 2015-2023 анҷом дода шуда, муайян гардидааст, ки дар умум дар ин солҳо ҷараёни афзоиши аҳолии машғул дар иқтисодиёт мушоҳида мешавад, ки нишондиҳандаи мусбати афзоиши қувваи корӣ, аз ҷумла: бахшҳои воқеӣ ва хизматрасониро дар бозори меҳнат нишон медиҳад (ҷадвали 2.5 ва 2.6 дар саҳ. 82-84).

Муаллиф дар диссертатсия (саҳ.98) қайд намудааст, ки фаъолияти эҷодӣ-инноватсионӣ таҳқиқот ва коркардҳои бунёдии илмиро дар бар мегирад ва самаранокии он аз рӯи меъёрҳои марбут ба корҳои илмӣ баҳо дода мешавад.

**“Роҳҳои асосии такмилдиҳии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар шароити модернизатсиякунонии иқтисодиёт”** мавзӯи баррасии боби сеюми диссертатсия буда, дар он рушди сармояи инсонӣ ва

ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ ҳамчун омили навкунии иқтисодиёт, таҳсилоти креативӣ ва таъсири он ба рушди рақобатпазирии иқтидори меҳнатӣ ва такмили низоми ҳавасмандгардонии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ оварда шудааст (саҳ.115-156).

Мо нуктаи назари муаллифро оид ба такмили рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули иқтидори креативии қувваи корӣ пурра дастгирӣ менамоем, зеро дониш, маҳорат, навоварӣ, таҷрибаи амалии инсон ва ташаккули фарҳанг, ки ҳамчун як муҳаррики махсуси қобилиятҳо ё имкониятҳои калидӣ барои инсон дониста мешавад. Воқеан маблағгузории ташаккули сармояи инсонӣ ва рушди неруи эҷодӣ сармоягузории мақсаднок дар минтақаҳо ва соҳаҳое мебошад, ки ин ҷараён ба беҳтаргардонии сифати иқтидори инсонӣ, аз ҷумла сатҳи таҳсилот, рушди креативӣ ва интеллектуалӣ, солимии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ, инчунин, низоми ҳавасмандгардонӣ ва дигар ҷанбаҳое, ки ба баланд бардоштани арзиши инсон мусоидат мекунанд, равона шудааст (саҳ.116-118).

Дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада дар диссертатсия пешниҳод карда шудааст, ки унсурҳо ва нишонаҳои таҳсилоти креативӣ метавонад тариқи ташкил, технология ва методикаи раванди таълим дар МТОК, ба сифати таҳсилоти креативӣ дар низоми маорифи ҷумҳурӣ таъсири худро расонад (расми 3.3 дар саҳ.131).

Муаллиф дар натиҷаи хулосабарории (расми 3.6 дар саҳ.146) таъкид кардааст, ки дар шароити набудани дигар сарчашмаҳои назарраси даромад, ба ғайр аз музди меҳнат, мукофоти пулӣ барои меҳнат аҳамияти ниҳоят муҳим дорад. Бо рушди низоми кӯмаки иҷтимоӣ нақши дигар шаклҳои ҳавасмандгардонӣ меафзояд. Андешаи муаллиф боиси дастгирист, зеро даромад аз меҳнати ҳармоҳа, дар мадди аввал, воситаи қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти асосии корманд мебошад. Ғайр аз он, даромад аз меҳнат метавонад манбаи қонеъ кардани бисёр эҳтиёҷоти олӣ бошад, агар андозаи он аз сатҳи зарурӣ барои таъмини эҳтиёҷоти асосии корманд ва оилаи ӯ зиёд бошад.

Дар охири диссертатсия хулосаҳову тавсияҳои натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст гардидаанд (саҳ.157-163).

**IV. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо натиҷаҳо ва навгониҳои илмии аз ҷониби муаллифи диссертатсия мустақилона ба даст овардашуда, муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмӣ-назариявӣ, инчунин интишороти

натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда тасдиқ гардидаанд.

Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқоти дар доираи диссертатсия анҷомдодашуда имкон дод, ки хулосаву тавсияҳои муҳими назариявӣ ва амалӣ оид ба роҳҳои мукаммалгардонии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат доир ба таъмини шуғли пурмаҳсул, пешниҳод гардад.

**V. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Истифодаи натиҷаҳои илмии кори диссертатсионии мазкур барои тавсеаи такмили такрористеҳсоли захираҳои инсонӣ ва самаранок истифодабарии иқтидори эҷодии инсонӣ буда барои фароҳам овардани фазои мусоиди муносибатҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнат мебошад, хизмат хоҳанд кард. Аҳамияти амалии диссертатсия дар хулосаю пешниҳодҳое, ки аз таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бармеоянд, инъикос шуда, онҳо ҳамчун воситаи муҳим дар самти ташкил ва баланд бардоштани самаранокии сифати қувваи корӣ ва таъмин намудани рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат истифода хоҳанд гардид. Натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада, метавонанд ҳамчун заминаи таҳқиқоти назариявӣ дар оянда оид ба иқтидори креативии қувваи корӣ шароит фароҳам оварад.

**VI. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Оиди мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 11 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда ва 1 зербанд дар монографияи коллективӣ нашр гардидаанд. Ҳаҷми умумии интишороти илмӣ оид ба мавзуи рисола 5,67 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**VII. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**. Барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст. Сохтор, ҳаҷм ва мазмуни диссертатсия бо меъёрҳои амалкунандаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба таҳия ва ҳимояи диссертатсия ҷавобгӯ буда, ҳамаи қисматҳои ҳатмӣ, аз он ҷумла нақша, муқаддима, бобҳо, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳои овардашуда ба таври мантиқӣ ва пайдарпай буда, саривақтӣ пешниҳод гардидаанд.

Дар маҷмуъ маврид ба зикр аст, ки диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи: “Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат”, барои

дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D050601 - Назарияи иқтисодӣ тахия гардида ба талаботҳои бандҳои 31,33,35 “Тартиби додани дарачаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, чавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати матни автореферат ба мундаричаи диссертатсия.** Автореферати диссертатсияи мазкур мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намуда, дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, чойгир карда шудааст.

**VIII. Эрод ва чанбаҳои мубоҳисавии диссертатсия.**

Дар қатори афзалиятҳо ва чанбаҳои мусбии рисолаи илмии мазкур, баъзе ҳолатҳои мубоҳисавӣ ва норасоиҳои муайяне низ ба назар мерасанд:

1. Дар диссертатсия таҳлилҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватани оварда шудаанд, баъзе аз онҳо дар муқаддима мушоҳида карда нашудааст.

2. Боби 1, зербоби 1.1 саҳ. 24, нақшаи 1.1 номи нақша ба таври маҳдуд гузошта шудааст. Хуб мешуд номи нақша ...Равишҳои назариявии иқтидори креативии қувваи корӣ номгузори мешуд ба фоидаи кор буд.

3. Аҳамияти амалии натичаҳои диссертатсия ва истифодаи амалии он бояд мушаххас гардонида шавад, яъне бо пешниҳоди маълумотномаи тадбиқшавӣ.

4. Зербоби 3.2 саҳ.131 оид ба таҳсилоти креативӣ манбаъ оварда шудааст, хуб мешуд агар муаллиф дар баробари манбаъ номи олимро дарч менамуд.

Бо ибрози чунин нуктаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Азимов Наимчон Ҳалимчонович ба камбудиҳои номбар кардашуда нигоҳ накарда дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз чиҳати мазмун мутобиқи талаботҳои мавчуда мебошад. Дар мачмуъ камбудиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифат ва арзиши илмии диссертатсияи ичрошуда таъсири мустақим намерасонанд.

**IX. Хулоса оид ба мувофиқати диссертатсия ва меъёрҳое, ки тартиби додани дарачаҳои илмӣ муқаррар кардааст.**

Диссертатсияи тақризшаванда дар сатҳи баланди илмӣ-амалӣ ичро гардида, таҳқиқоти анчомёфта мебошад. Диссертатсия тибқи талабот таҳия гардида, мақсад ва муҳтавои асосии онро инъикос мекунад. Ҳамин тавр, қайд намудан бамаврид аст, ки диссертатсияи Азимов Наимчон Ҳалимчонович дар мавзуи “Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат”, барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D050601

– Назарияи иқтисодӣ, пешниҳод шуда, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**н.и.и., дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Рустамов Р.У.**

**Имзои** н.и.и., дотсент Рустамов Раҳим Умаршоҳовичро тасдиқ менамоям:
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5.
Тел: +992(37) 234-88-02; +992(37) 234-88-24; +992 935-10-90-60.
E-mail: rustamovtj@mail.ru

“ 18 ” 02 соли 2026